ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ

# ТАВСИЯНОМА

## ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ АНОР ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



*ш. Душанбе, 2024*

***Муаллифон:***
***Назиров Ҳ.Н. – доктори илмҳои кишоварзӣ***
***Камолов Н. - номзади илмҳои кишоварзӣ***
***Фозилов Ҷ.Д. - ходими калони илмӣ***
***Аминов Х.Х. - ходими калони илмӣ***

***Муҳаррири техникӣ:*** ***Шарипов Ш.И.*** **-** *ходими калони илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ*

*Бо қарори Шӯрои методию таълимии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, протоколи №4, аз 28.10.2024 сол ба чоп тавсия гардидааст.*

*Дар тавсияномаи мазкур маълумотҳои муфид оид ба технологияи парвариши анор, бунёди боғҳо, интихоби навъу намунаҳо тартиб дода шудааст.*

*Тавсиянома барои донишҷӯён, магистрон, боғдорон хоҷагидорону фермерон ва мутахассисони соҳа пешниҳод карда мешавад. 18 саҳифа.*

# МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| Анор ва аҳамияти он | 2 |
| Минтақаҳои  парвариши анор | 3 |
| Хусусиятҳои биологии  анор | 6 |
| Усули зиёдкунии ниҳоли анор | 8 |
| Бунёди боғи анор | 10 |
| Чорабиниҳо оид ба ҳифзи боғи анор аз касалӣ ва зararасонҳо | 13 |
| Коркарди меваи анор | 16 |
| Адабиётҳои истифодашуда | 18 |

# АНОР ВА АҲАМИЯТИ ОН

Анорро ҳамчун дарахти мевадиҳанда, техникӣ, ороишӣ, ва доруворӣ парвариш  менамоянд. Хусусияти истеъмолӣ ва содиротӣ доштани анорро ба назар гирифта, ба рушди ин соҳа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон таваҷҷуҳи зиёд намудааст.

Меваи онро тару тоза истеъмол ва барои коркард истифода мебаранд. Оби анор, ки асосан маводи беҳтарини ғизоӣ мебошад вобаста аз навъ ва шароити обу хоки маҳали парвариш миқдори гуногуни моддаҳои кимиёвӣ доро мебошад. Дар таркиби оби меваи пурра пухта расидаи он 12-19% қандҳо, 0,3-3% ҷавҳар мавҷуд аст. Қандҳо дар шакли глюкоза, фруктоза  ва қисман сахароза мавҷуданд. Ҳамзамон оби анор дорои як қатор моддаҳои фаъоли биологӣ: ҷавҳарҳои аскорбин (5-12 мг %), фолиевӣ (0,04-0,08 мг%), Р- катехини фаъол ва лейкоантотсианҳо (26-46 мг%),  витаминҳои Р (150-200 мг%), $B_1$ (0,004-0,036), $B_2$ (0,32- 0,27 мг 5) моддаҳои дабоғӣ (1,0-1,1%) ва пектин 0,1- 0,3%) мебошад.

Таркиби кимиёвии ба худ хоси меваи анор ва маҷудияти як қатор моддаҳои арзишноки он имконият медихад, ки дар ҷабҳаҳои гуногун онро истифода  баранд. Шарбати табии тамиз кардашудаи он воситаи беҳтарини табшикан ва ташнагишикан мебошад. Он ҳазмкунии хӯрокро беҳтар карда барои табобати диққи нафас, фишори хун, гипертония, касалиҳои дилу раг фоиданок аст.

Дар тибби халқӣ меваи анорро барои табобати сулфа, варақа, оби меваи ширинашро барои касалиҳои гурда ва меваи туршашро барои санги гурда ва талхадон тавсия мекунанд.

Ҷӯшобаи гулу пӯсти меваашро барои табобати шамолхӯрӣ, касалиҳои меъдаю руда  (шикамравӣ) ва хунманъкунӣ истифода мебаранд.

Дар саноат пӯсти анор беҳтарин моддаи дабоғӣ буда, барои рангуборкунии навъҳои олии пӯст истифода мешавад. Аз гул ва пӯсти меваи он рангҳои аз офтоб насӯзанда тайёр карда мешавад.

Намудҳои гулашон садбаргмонандро (аз ранги сафед то сурхи баланд) дар гулбоғҳою кӯчаю хиёбонҳо чун растании ороишӣ парвариш мекунанд.

## МИНТАҚАҲОИ ПАРВАРИШИ АНОР

Аз замони қадим анорро инсон чун зироати мевагӣ дастпарвар намудааст. Он яке аз намудҳои меваe мебошад, ки дар китобҳои муқаддаси «Инҷил» ва «Қуръон» ёдоварӣ шудааст.

Имрӯз қариб дар ҳамаи мамлакатҳои минтақаҳои тропикӣ, субтропикӣ ва қисман мӯътадил онро парвариш мекунанд. Калонтарин коллексияи он (зиёда аз 800 навъу намуна) дар станцияҳои захираҳои генетикии ноҳияи Гарригалаи Ҷумҳурии Туркманистон бунёд карда шудааст.

Тоҷикистон яке аз қадимтарин минтақаи парвариши анор ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти растаниҳои худрӯйи он дар нишебиҳои қаторкӯҳҳои Дарвоз (соҳили дарёи Панҷ - ноҳияи Дарвоз), Ҳазрати Шоҳ (Даштиҷуми ноҳияи Шӯробод) ва қисман қаторкӯҳҳои Ҳисор то баландии 1500-1700 м аз сатҳи баҳр меруяд ва ин сарҳади аз ҳама шимолтар дар шароити табиӣ рӯйидани анор ба шумор меравад.

Коллексияҳои навъу намунаҳои он дар стансияи таҷрибавии зироатҳои субтропикии ноҳияи Ҷ. Румӣ, Институти боғпарварию сабзавоткории АИКТ ва қитъаи дар деҳаи Зиғари ноҳияи Дарвоз будаи Институти биологии Помири АИ ҶТ мавҷуд аст.

Имрӯз анорро асосан дар ноҳияҳои водигии вилояти Хатлон, Суғд ва қисман водии Ҳисор парвариш мекунанд.

Калонтарин майдони анорбоғҳо дар ҳудуди шаҳри Норак – деҳаи Қаратош – 131 га, Далдахӯрон – 40 га, ноҳияҳои Ҷиликул, Қубодиён ва Шӯробод мавҷуданд.



*Расми 1. Муайян намудани ҳосили анор дар анорбоғи мавзеи Қаратош*

Аз тарафи комиссияи давлатии навъсанҷии зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои зерин: Сурханор (Қизиланор), Шириндона, Мулоимдона (Десертный), Шоҳанор, Нордон (Аҷикдона) ноҳиябандӣ карда шудаанд.




*Расми 2. Навъҳои анор:*
*1.Сурханор (Қизиланор),2.Шириндона, 3.Мулоимдона (Десертный), 4.Шоҳанор, 5.Нордон (Ацикдона)*

## *ХУСУСИЯТҲОИ БИОЛОГИИ АНОР*

Анори муқараррӣ дарахт ё буттаи хазонрез буда, то 3-5 м баландӣ қад мекашад. Намудҳои паканаи он 0,5- 0,7 м қад доранд. Баргаш лансетшакл ё лансетшакли дарозрӯя буда, дар навдаҳои синнашон калонтар рӯ ба рӯ бо тарзи чилчуба ҷойгиранд. Гули анор дуҷинсаи якхонагии калони (4-5 см дарозӣ дошта) гулбаргҳояш ҷудо – ҷудо (7-8), гарддонҳои бисёр якто-якто ё дар бандчаҳо ҷойгир шудааст. Гули анор диморфӣ буда, ду шакл мешавад; кузашакли сутунчааш дароз - бо самар, зангулашакли сутунчааш кӯтоҳ – бесамар. Анор растании худ гардолудшаванда нест (расми 3).



*Расми 3. Гулшукуфоии анор*

Меваи анор қалбакӣ буда, бо пӯсти ғафс пӯшида шудааст, ки дар худ косагулро нигоҳ медорад. Мевааш калон (қутраш 8-10 см, вазнаш 200 - 400 г) ва сероби бисёрдона мебошад. Миқдори донаҳо (1000 ва аз ин ҳам зиёд) буда, онҳо дар 6-12 хоначаи бо пардаҳои аз ҳам ҷудошуда ҷойгиранд, ҳар як хонача аз 50 то 100 дона дорад.

Решаи ниҳолҳои аз тухм рӯида соли якум тирреша буда, минбаъд дар қабати болои хок уфуқӣ паҳн мегардад.

Навдаи анор одатан сурхи равшан аст. Навдаҳои нӯгӣ 25-40 см қад кашида бо хор тамом мешавад ва дар оянда хор хушк шуда меафтад, дар нӯги навда ду муғча ташаккул меёбад. Дар қисми мобайнии навдаҳо навдаҳои бармаҳали паҳлугӣ (дарозиашон аз 0,5 то 10-12 см) пеҳҳои тез дошта месабзанд.

Гул ва мева дар навдаҳои кӯтоҳи сербарги ҳаминсола аз зиреҳнавдачаҳои 1-3 сола бештар 2 – сола рӯйида ташаккул

меёбад. Ҳар сол аз ҳисоби муғчаҳои хобида дар дохили шохсор шохчаҳое месабзанд, ки одатан онҳо гул намекунанд, лекин шохсорро анбӯҳ (зич) менамоянд. Бинобар ин онҳоро сари вақт бурида партофтан лозим.

Навдаҳо дар давраи нашв нашъу намо карда, дар нимаи дуюми моҳи сентябр бо пурра ташакулёбии муғчаҳои нӯгӣ қадкашиашон қатъ мегардад. Анор дар маҳалҳое, ки зимистон ҳарорат аз $12^0$С паст намешавад, тобистонаш дарозу гарм аст, тирамоҳи хушку гарм дорад, ҳарорати ҳаво якбора тағирёбанда нест, хуб месабзад.

Аз сабаби ба хунукӣ устуворияти баланд надоштанаш, дар бештари минтақаҳо дар зимистон буттаи анорро хокпӯш мекунанд.

Аз таъсири хунукии 14-$15^0$С навдаҳои яксола, 16-$17^0$С узвҳои бисёрсола осеб мебинанд. Ҳарорати 18-$19^0$ С қисми рӯйзаминии ниҳоли анорро бо пурагӣ нобуд мекунад.

Нашъу намои анор ҳангоми ҳарорати шабонарӯзӣ 10-$12^0$С расидан, шуруъ шуда, дар тирамоҳ бо ҳамин дараҷа паст шудан қатъ мегардад. Дар мавриди ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ ба 16-$18^0$С расидан ба ғунчабандии пурра сар мекунанд.

Давраи гулшукуфии пурра 30-45 рӯзро дар бар мегирад. Вобаста аз навъ ва шароити маҳал меваҳо дар муддати 120-160 рӯз бо пуррагӣ ташаккул меёбанд. Барои пурра расидани мева зиёда аз $3000^0$ С гармӣ лозим аст.

Анор растании тез ба ҳосил дароянда буда, ниҳолҳои бо қаламча сабзонида шуда дар 3 - 4 солагӣ ҳосил мебанданд. Буттаҳои алоҳидаи он дар шароити табиӣ то 300 - сол умр мебинанд. Лекин давраи беҳтарини ҳосилбандиашон 50-70 сол аст.

Анор растании обдӯст мебошад. Хушкшавии давомнокии хок ба ҳосилнокӣ ва сифати меваааш таъсири манфӣ мерасонад. Аз намнокии зиёд анор бештар нашъу намо карда ҳосили кам

мебандад. Анор растании рӯшноидӯст аст. Буттаҳои дар зери сояи дигар дарахтон шинондашуда нағз сабзиш накарда ҳосилнокиашон паст мегардад. Нисбати дигар дарахтони субтропикӣ анор ба гармии ҳаво ва шурии хок устуворияти баланд дорад. Дар хокҳои 0,5г/кг намак дошта хуб месабзад. Ба намуди хок он қадар талаботи зиёд надорад. Дар хокҳои гуногун - шағалзаминҳою сангрезаҳо то хокҳои вазнин ва гилхокҳо мерӯяд. Анор дар хокҳои серғизо ва намбардор ҳосилу баланду меваи хушсифат медиҳад.

## *УСУЛИ ЗИЁДКУНИИ НИҲОЛИ АНОР*

Ниҳоли анорро чун дигар дарахтони мевадиҳанда бо ду роҳ зиёд кардан мумкин: бо роҳи кишт намудани тухмӣ, ки ин асосан дар корҳои селексионӣ истифода бурда мешавад ва бо роҳи қаламчакунӣ, ки ин усули аз ҳама самаранок ва дар истеҳсолот ҷорӣ карда шуда мебошад.

Қаламча аз буттаҳои боғи модарӣ ё пешакӣ санҷидашуда (апробатсия гузашта) тайёр карда мешаванд. Қаламчаҳоро дар ду мӯҳлат: охири фасли тирамоҳ - аввали фасли зимистон ва аввали фасли баҳор пеш аз кушодашавии муғчаҳо тайёр кардан мумкин аст. Лекин пеш аз саршавии хунукии зимистон тайёр кардан беҳтар аст.

Дар охири фасли тирамоҳ баъди хазонрезӣ барои қаламчагирӣ навдаҳои яксолаи пухта расидаро бурида аз навдаҳои паҳлуӣ, хорҳо тоза намуда, қисмати болои навдаро, ки нимпухта аст бурида мепартоянд ва 100- донагӣ бандча баста ба он тамғаи навъро мебанданд.

Пешакӣ хандақ дар чуқурии 1м дарозиаш вобаста аз шумораи қаламчаҳо кандан лозим аст. Сипас бандчаҳои тайёр шударо қабат қабат бо таври уфуқӣ гузошта ба болои ҳар як қабат хоки майдаи намдор мерезанд, ба ҷойи хок қуми намнокро истифода бурдан беҳтар аст. Баъди қабати болоиро бо хок пӯшондан болояшро ба баландии 30 – 40 см аз хок

теппача намудан лозим аст. Дар сари ҳар як ҳандак тамғаи бо навиштаҷоти номи навъ ва шумораи қаламчаҳоро мегузоранд.

Барои сабзиши қаламчаҳои анор беҳтарин хок регхокҳо ё реггилхокҳо мебошанд.

Барои шинондани қаламчаҳо баҳорон 2-3 рӯз пеш аз шинондан - ҳандакро кушода қаламчаҳоро бандча-бандча гирифта бо дарозии 20 – 25 см бо чунин тарз қаламча тайёр мекунанд: қисми поёни қаламчаро аз таги мӯғча ва қисми болояшро 2 – 3 см аз мӯғча болотар мебуранд. Қаламчаҳоро 100 – донагӣ бандча баста ба он тамғаи навъаш навиштаро меовезанд. Пас бандчаҳоро 10 – 12 соат дар оби равон гузоштан лозим аст.

Беҳтарин давра барои шинонидани қаламчаи анор дар водии Вахш охири моҳи март ва 10 рӯзаи аввали моҳи апрел мебошад.

Дар майдонҳои калон ҷӯякҳоро дар масофаи 70 см аз ҳамдигар мекашанд. Қаламчаҳоро дар масофаи 10-15 см аз якдигар дур мешинонанд. Бо мақсади пешгирӣ намудани омехташавии навъҳо дар ҷӯяк бояд як навъ шинонда шавад. Пас аз шинондани қаламчаҳо ва хокпӯш кардани онҳо ҳатман об мондан лозим аст. Пас аз 2-3 рӯз обмонӣ барои дуруст зерхоккунии қаламчаҳо хокгардонии сабук мегузаронанд. Дар давраи нашъу намо вобаста аз намуд ва хусусияти механикии хок 12-15 маротиба об монда, 3- 4 маротиба аз алафҳои бегона ва коркарди байни қаторҳоро мегузаронанд. Охири моҳи июн ва нимаи дуюми моҳи июл аз ҳисоби 40 кг моддаи таъсиркунанда, ғизои иловагӣ, нурии нитрогенӣ додан тавсия мешавад.

Аз охирҳои моҳи октябр сар карда то саршавии хунукиҳо ниҳолҳоро канда ба навъҳои молӣ 1-2-3 ҷудо карда 50 донагӣ бандча мекунанд. Сипас дар ҳандақҳо бандчаҳоро бо кунҷи 30-40$^0$C моил гузошта аз ¾ ҳисаашонро зери хок мекунанд. Ҳар як навъро ҷудо-ҷудо зери хок карда ба он тамғаи номи навъ ва

шумораи ниҳолро меовезанд. Ҳамзамон нақшаи зерхоккунии ниҳолҳо ба дафтар қайд карда мешавад.

## *БУНЁДИ АНОРБОҒ*

Барои бунёди боғи анор қитъаҳоеро интихоб мекунанд, ки аз алафҳои бегона, сангу боқимгндаҳои решаҳои дарахтони гуногун тоза ва аз самти ҳавои хунук паноҳ бошад. Дар баробари ин обҳои зеризаминӣ аз 1-1,5 м баланд ва микдори намак дар 1 кг хок аз 0,5 г зиёд набошад. Манбаи обёрӣ низ зарур аст. Маҳдудиятҳои замини обиро ба ҳисоб гирифта дар таллу теппаҳои барои шудгоркунӣ номувофиқро барои бунёди зинабоғҳои анор тавсия карда мешавад.

Тирамоҳ - замини интихобшударо аз ҳама гуна ашёҳои бегона тоза карда ба он 20-30 т пору, 200-250 кг фосфор ва 100-120 кг калий андохта пас дар чуқурии 50-60 см шудгор кардан лозим аст.

Аввали баҳор заминро чуқур нарм ва мола карда сипас ҷойи ниҳолҳоро муайян менамоянд. Анорбоғ бо ду усул парвариш карда мешавад: бо усули рӯйпуш ва кушода. Дар маҳалҳое, ки аз сармои зимистон зарарбинии буттаҳои анор дар назар аст онҳоро бо хок ва ашёҳои дигар рӯйпуш мекунанд. Дар он минтақаҳое, ки буттаи анор аз таъсири сармо зарар намебинад бе хокпушкунӣ онро парвариш мекунанд.

Аз ин лиҳоз дар ҳолати бе рӯйпушкунӣ, чунин нақшаи шинондан 5х4; 4х4 м ва барои анорзорҳои рӯйпуш шаванда 4х3, 4х2 м тавсия карда мешавад.

Чуқуричаҳоро ба андозаи 40х40х50; 50х50х50 см мекананд. Пеш аз шинондани ниҳолҳо решаҳои шикаста ва осебдидаро бурида мепартоянд. Ниҳолро 1-2 соат дар поруоби аз 2 ҳисса хок ва 1 ҳисса пору тайёр кардашуда гузоштан зарур аст. Агар ба замин порую нуриҳои маъданӣ дар тирамоҳ андохта нашуда бошад он гоҳ ба хок дар ҳар як чуқурӣ 15-20

кг пору, 400-500 г фосфор, 100-150 г калий омехта кардан беҳтар аст.

Ҳангоми ниҳолшинонӣ ба он диққат бояд дод, ки ниҳолҳои боғи бе рӯйпушро бо таври амудӣ рост бояд шинонд. Ниҳолҳои анорбоғи рӯйпуш шавандаро бо кунҷи 40-45$^0$ ба як тараф моил бояд шинонанд. То ки дар оянда  ба як тараф хобондани ниҳол осон шавад. Баъди шинондан ҳатман ба бехи ҳар ниҳол 10-15л об рехта, (имкон бошад об мондан) зарур аст.

Шаклдиҳии буттаи анорро аз соли якум  сар кардан беҳтар аст. Пас аз шинондан ниҳолҳоро аз назар гузаронида ба ҳар ниҳол 3-4 навда гузошта боқимондаашро бурида мепартоянд. Дар мавриди набудани навдаҳои лозимӣ ниҳолро дар баландии 35-40 см мебуранд, ки  аз поён аз ҳисоб муғчаҳои хоббида навдаҳои нав сабзад. Шаклдиҳии буттаҳо дар соли 3-4 - ум ба охир расонида мешавад. Дар ҳар як буттаи анор набояд аз 3-4 танача зиёд гузошта шавад, чунки дар боғҳои рӯйпушшаванда ҳангоми як тана гузоштан, он ғафс шуда дар вақти хобондан шикастанаш аз эҳтимол дур нест. Агар миқдори таначаҳо зиёд бошад хобондани бутта мушкил мегардад. Аз тарафи дигар шохсор зич шуда ба ҳосилбандӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Агротехникаи нигоҳубини анорзор чунин корҳоро дар бар мегирад: сари вақт гузаронидани навдабурии профилактикӣ, шудгори байни қаторҳо, нармкунии бехи ниҳолҳо,обмонӣ, ғизодиҳӣ ва ҳифзи ниҳолҳо  аз ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳо.

Анор ба намнокии хок ҳасосият дорад. Ҳангоми нарасидани намӣ дар охири баҳор  ғураҳоро мепартояд ва дар тобистон ташакулёбии мева қатъ  мегардад. Аз нобаробарии обмонӣ, тағирёбии ҳарорати шабонарӯзӣ ва боришоти барвақтӣ дар тирамоҳ меваҳои расида мекафанд. Бинобар ин дар шароити водиҳои Вахш, Кофарниҳони поён, ва минтақаи Кӯлоб анорзорҳои ҷавонро 13-15 ва анорзорҳои синнашон аз

5-7 сола болоро 9-10 маротиба бо миқдори 600-700 $м^3$ гектар об мондан лозим аст. Дар давраи гармӣ (июл-август) фосилаи байни обмонӣ аз 7-9 рӯз бояд зиёд набошад.

Обмонӣ бо воситаи ҷӯякҳо гузаронида мешавад. Дар анорзорҳои 2-3 сола ҷӯякҳоро дар масофаи 45-50 см ва ниҳолҳои калонсол 70-75см аз бехи буттаҳо дуртар мекашанд.

Дар баробари шаклдиҳӣ ҳар сол мунтазам навдабуриро мегузаронанд. Аввал навдаҳои касал, шикастагӣ, шохчаҳои шохсорро зичкунанда ва бехҷастҳоро аз бехи танаи буттаҳо буридан лозим аст. Дар анорзорҳои рӯйпушшаванда ин чорабиниро пас аз зери рӯйпуш кушодани буттаҳо мегузаронанд.

Беҳтараш дар давраи нашъу намо 3- 4 маротиба наврастҳои нолозим канда партофта шавад. Бо мақсади самаранок истифодабарии замин дар байни қаторҳои ниҳолҳои ҷавон 2-3 сол гузаронидани кишти зироатҳои сабзавот ба мақсад мувофиқ аст. Дар давраи нашъу намо 3-4 маротиба байни қаторҳо ва бехи ниҳолҳоро аз алафҳои бегона тоза мекунанд.

Ба анорзорҳои чавон ҳар сол бояд бо ҳисоби моддаи таъсиркунанда 60 кг нуриҳои нитрогенӣ 40 кг фосфорӣ, 40 кг калийгӣ ғизо дода шавад.

Ба ҳосилбандӣ сар кардан ба ҳар гектар дар ду сол як бор додани 30 - 40 т пору ва ҳар сол 200 кг нуриҳои нитрогенӣ, 100 кг фосфорӣ ва 150 кг калийгӣ бо ҳисоби моддаи таъсиркунанда тавсия карда мешавад.

## ЧОРАБИНИҲОИ ҲИФЗИ АНОРБОҒ АЗ ҲАШАРОТҲОИ ЗАРРАСОН ВА КАСАЛИҲО

Ба анор бештар зарарасонҳои зерин; ширинчаи анор, тортанакканаи сурхи анор, кирминаи шабзиндадори анор ва чунин касалиҳо; қутурак (парша), обсӯз (монолиоз), саратони навдаи анор осеб мерасонанд.

Чорабиниҳои ҳифзи буттаҳо ва меваи анор бояд бо усули интегратсионӣ ба роҳ монда шуда бошад. Яъне ҳамаи омилҳои ташкилӣ, агротехникӣ, биологӣ ва кимиёвӣ дар пайвастагӣ истифода мешавад, то ки инкишофу самаранокии буттаҳоро беҳтар созад. Афзоиши зарарасонии организмҳои патогениро маҳдуд гардонанд.





*Расми 4. Ғура ва меваи осебдидаи анор аз касалии қутурак (парша)*

Интихоби дурусти замин ва навъҳо ҳангоми бунёди анорбоғ, шинондани ниҳолҳои баландсифат ва аз зарарасонҳои хатарнок ва касалиҳо озод, истифодаи чорабиниҳои агротехникӣ оид ба беҳтар кардани ҳолати агрофизикии хок, додани ғизо ва об, ташкили саривақтии навдабурии профилактикӣ, шаклдарории буттаҳо, маҳвкунии алафҳои бегона, сари вақт ҷамъоварии ҳосил, ки ба беҳтар

гардидани ҳолати фитосанитарии боғи анор равона карда шудаанд ба самаранокии анорбоғ мусоидат мекунад.

Таҳқиқоту мушоҳидаҳо нишон доданд, ки истифодабарии энтомофагҳои трихограмма, тиллочашмак ва габрабракон дар боғҳои анор фоидаовар аст.



*Расми 5. Меваҳои аз кирми мевахӯрак заррардида*

Истифодаи чорабиниҳои кимиёвӣ дар он сурат зарур аст, ки дар анорзор шумораи зараррасонҳо аз меъёри муайян зиёд бошад ва мӯҳлати дурусти коркардро бояд интихоб кард, ки ҳашарот камавҷ шавад. Ҳангоми истифодаи заҳрдоруҳои кимиёвӣ меъёри масрафи онҳоро муайян намуда бо назардошти имконияти мавҷуда истифодаи якҷояи махлулҳои корӣ - заҳрхимикату доруҳо пешбинӣ карда мешаванд.

Ҷадвал

## Зархимикатҳо: меъёр ва мӯҳлати истифодабарии онҳо

| № | Номи зархимикатҳо | Меъёри сарфи заҳрхимикат, л/га, кг/га | Зарарасонҳо, касалиҳо | Мӯҳлат ва тарзи истифродабарии заҳрхимикат | Мӯҳлати интизорӣ, рӯз | Миқдори коркард |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Би-58 НОВЫЙ | 0,8-2 | Мевахӯракҳо, баргхӯракҳо, чубхӯракҳо, ширинча, канаҳо, зиреҳакҳо | То давраи гулшукуфӣ ва баъд аз гулшукуфӣ | 40 | 1 |
| 2. | Суперстар к.э. | 0,4 – 0,6 | Мевахӯраки анор | Давраи нашъу намо | 16 - 20 | 7 |
| 3. | Омайт 570 EW 57% к.э.в (р) | 1,5-3 | Канаҳо | Дар давраи нашъунамо 0,15% маҳлули эмулсионӣ пошида мешавад | 45 | 1 |
| 4. | Хокаи сульфур | 25 - 30 | Тортанаккана ва касалиҳои замбуруғӣ | Давраи нашъу намо | 20 | 3-4 |
| 5. | Байлетон 25% с.п | 0,06-12 | Қутурак, пӯсиши мева, обсӯз | Дар давраи нашъунамо | 10 | 2 |
| 6. | Купороси мис, р.п (960г/кг) | 50 – 100 г/л об | Қутурак, пӯсиши мева, обсӯз | Баҳор то кушодашавии муғчаҳо | - | 1 |
| 7. | Маҳлули бордоси, п | 300 г сулфати мисс + 400 г оҳак/10л об | Қутурак, пӯсиши мева, обсӯз | Баҳор то кушодашавии муғчаҳо | - | 1 |
| 8. | Оксихлори ди мис, с.п. (900 г/кг) | 4 - 8 | Қутурак, пӯсиши мева, обсӯз | Дар давраи нашъунамо | 20 | 4 |
| 9. | Импакт к.э. | 0,5 - 0, 8 | Қутурак, пӯсиши мева, обсӯз | Давраи нашъу намо | 16 - 18 | 3 |
| 10. | Топсин-МСП | 1,0-1,5 | Қутурак | Давраи нашъу намо | 18-20 | 2 |

Дар мавриди истифодаи заҳрҳои кимиёвӣ барои заҳролуд накардани инсон ва ҳайвонҳои хунгарму муҳити атроф бояд аз маводҳои заҳрнокиашон пастар истифода кард. Инчунин ба қоидаҳои бехатарӣ (аз воситаҳои бехатарӣ: айнак, бинибандакҳои аз докаю пахта тайёркарда шуда, дастпушакҳои резинӣ ва либосҳои махсус бояд истифода намуд) риоя кардан зарур аст.

## *КОРКАРДИ МЕВАИ АНОР*

Дар баробари тару тоза истифода намудани меваи анор онро дар шакли коркард низ васеъ истифода мебаранд. Яке аз маҳсулотҳои коркарди он шарбати (обӣ) анор мебошад. Бештар барои тайёр намудани шарбат меваҳои кафидагӣ, сифати молиашон паст, лекин хурданибобро истифода мебаранд, ки ин ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии анорпарварӣ манфиатнок аст. Аввало барои ба даст овардани шарбати баландсифат аз ҳар як навъ ҷудо-ҷудо шарбат тайёр мекунанд. Аммо барои таносуби қанду ҷавҳари шарбатро хушхур кардан, ба навъҳои қанднокиашон баланд, навъҳои ҷавҳарашон зиёдро омехта мекунанд. Дар ин ҳолат миқдори маводи иловашаванда, ба маводи асосӣ бояд аз 35 % зиёд набошад.

Шарбати табиии анорро бо таври зайл тайёр мекунанд:

Меваҳои анорро кафонда, бо дасти чап қапида, бо дасти рост чубча гирифта, аз болои пучоқ мезананд, то ин ки донаҳо озод ҷудо шуда, резанд. Пардаҳои байни

хоначаҳоро агар афтида бошанд, ҷудо карда мегиранд, чунки онҳо ба шарбат таъми талхӣ медиҳанд. Аз донаҳои ҷудо кардашуда бо истифодаи прессҳои конструксияиҳои гуногун, ё шарбатафшуракҳои баркӣ шарбаташонро афшурда мегиранд.

Шарбати гирифташударо дар зарфҳои тоза то $90^0$ гарм карда, оташро хомӯш карда, то такшоншавии боқимондаи моддаҳои дурдабанд, нигоҳ медоранд. Пас онро полоида, ба зарфҳои шишагӣ андохта дар ҳарорати $85^0$ безарар карда, даҳони зарфҳоро маҳкам мекунанд. Безараркуниро бо чунин тарз мегузаронанд. Дар зарфи калони тагаш ҳамвор об гирифта, болои оташдон мегузоранд, зарфҳои шарбатдорро ба даруни зарфи обдор қатор тавре мегузоранд, ки ба онҳо об надарояд. Пас оташро даргиронда, то $85^0$ гармшавии шарбат онро метафсонанд. Ҳангоми дар шарбати даруни зарфҳо ҳубобчаҳо пайдо шудан, онҳоро гирифта даҳонашонро маҳкам менамоянд. Баъд аз хунуккунонӣ зарфҳои шарбатдор ба ҷои нигоҳдорӣ равон карда мешаванд.

Бояд дар хотир дошт, ки агар шарбатро зиёдтар гарм кунем, аз каме сӯхтани моддаҳои дурдабанд шарбати тайёршуда, бӯи сӯхтагӣ гирифтанаш мумкин аст. Дар ҳолати кам гарм кардан, он вайрон мешавад, бинобар ин ба меъёри гармкунии шарбат бояд диққат дод.

## АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА

1.Микеладзе А.Д. Субтропические плодовые и технические культуры. М.1988, 285с.
2.Нуралиев Ю. Лекарственные растения. – Душанбе, 1988. – 285с.
3.Розанов Б.С., Эшонкулов У., Массовер Б.Л. Субтропические плодовые культуры Таджикистана. //Обзор, Душанбе, 1974. - 45с.
4.Султонджонов А. Вопросы промышленного размножения субтропических плодовых культур в условиях Таджикистана. Сборник научных трудов НПО «Богпарвар», т.VII «Селекция и агротехника субтропических и цитрусовых культур». - С.81-87.
5.Рекомендации по удобрению гранатовых садов в условиях юга Таджикистана. - Душанбе, 1988. - 8с.
6.Рекомендации по борьбе с вредителями и болезнями садов, виноградников и шелковицы. – Душанбе, 1979. – 33с.

*Дар Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ ба табъ расидааст.*
*734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 [а]*